Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода дар мавзӯи «Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Диссертатсияи номзадии Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ бахшида шудааст. Табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ дар навбати аввал бо гуногуншаклӣ ва тафовути онҳо алоқаманд буда, ба бозори ҳозиразамон нигаронида шуда, аз талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки тибқи моддаи 12 он асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил намуда, давлат бошад, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии тамоми шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояҳои ҳуқуқи хусусиро эҳё намуда, боиси такмили институтҳои ҷойдоштаи ҳуқуқӣ ва ба вуҷуд омадани институтҳои нав, аз ҷумла, институти уҳдадориҳои пулӣ гардид. Реҷаи ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ бо дарназардошти талаботи муосири муомилоти бозорӣ дар қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва пеш аз ҳама, дар меъёру муқаррароти КГ ҶТ оид ба иҷрои онҳо (шартҳои иҷро, оқибатҳои ба таъхир андохтани иҷро, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва бо тавri матлуб иҷро накардани онҳо ва ғайра) муқаррар карда шуд.

Қобили зикр аст, ки аз иҷрои уҳдадориҳои пулӣ суботи муомилоти иқтисодӣ вобастагии калон дорад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳимтарини илми ҳуқуқшиносӣ ва амалия, таҳияи чунин механизмҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба иҷрои матлуби уҳдадориҳои пулӣ ва рӯёнидани товони зарар мусоидат намоянд. Дар баробари ин, на ҳамаи масъалаҳоеро, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд, дар қонунгузорӣ ҳал шудаанд. Сабаби асосии ин мушкилиҳои назариявӣ низ мебошад, ки дар амалия ҳуқуқэҷодкунӣ бавуҷуд меояд.

Ҳарчанде аз вақти қабул шудани Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати муайяне гузашта бошад ҳам, вале то ба ҳол аз

таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи граждани ба таври пурра истифода намешавад, аз ин ҷо, аз ҷумла, чунин масъалаҳои ҳалнашуда боқӣ мемонанд: таъсири тағйиротҳо ба қобилияти харидории пул ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, табиати фоизҳое, ки ҳангоми пешпардохт ҳисоб карда мешаванд, ҳисоби фоизҳо вобаста ба маблағи зиён ва ғайра. Бояд қайд намуд, ки аз лиҳози назариявӣ дар адабиёти ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ, асосан, масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ба таври матлуб иҷро накардани онҳо ва чанде дигар масъалаҳо баррасӣ шудаанд. Вале мафҳуми уҳдадориҳои пулӣ, ҷойи он дар низоми уҳдадориҳо, намудҳои гуногуни онҳо мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Аҳамияти таҳқиқот, инчунин бо он муайян карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои берунии иқтисодиро бо кишварҳои дигар низ инкишоф дода, вобаста ба масъалаи мазкур саволҳои зиёде ба миён меоянд, ки ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд мебошанд. Бинобар ин, муайян кардани речаи ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ ва иҷрои онҳо байни субъектҳои хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар аз як тараф, ба сифати воситаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорони ватанӣ аз суйистифодабариҳои гуногун баромад менамояд, ки аз мубрам будани мавзӯи диссертатсия маҳсуб мегардад. Масъалаи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мебошад. Дар шароити тағйирёбии босуръати бозор, аз лиҳози ҳуқуқӣ ва ҳам аз лиҳози иқтисодӣ таваҷҷуҳи доимӣ ва ҷиддиро талаб мекунад. Мавзӯи мазкур нав буда, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии олимони ватанӣ қарор дода нашудааст (саҳифаи 3-6).

Дар автореферати диссертатсияи мақсад ва вазифаҳо ба таври возеҳ баён гардидаанд. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таҳлили меъёру муқаррароти ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дахлдоштаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои муҳими илмӣ-назариявӣ ва амалии ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва таҳияи таклифу тавсияҳои дахлдор оид ба таҳкими механизми ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадориҳои пулӣ мебошад. Дар ин замина вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шуда, мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла: таҳлили мафҳум ва табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ; муайян намудани асосҳои ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои пулӣ ва аниқ намудани мазмуни навъҳои алоҳидаи онҳо; таҳия намудани таснифоти уҳдадориҳои пулӣ; таҳлили мазмуни

иҷрои уҳдадориҳои пулӣ; муайян намудани мафҳуми иҷрои дахлдори уҳдадориҳои пулӣ; таҳқиқи мазмуни иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи фоизҳо; муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ; асоснок намудани рӯёндани фоизҳо ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ; таҳияи таклиф ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд ба таври нисбатан комил иҷро гардидаанд (саҳифаи 7).

Хулосаҳои баровардаи муаллиф оид ба танзими иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошанд. Пешниҳоду хулосаҳои №2, 4 қобили дастгирӣ мебошанд

Мансурӣ Ш.Ҷ., доир ба мавзӯи илмии таҳқиқнамудааш 1 монография, 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расондааст. Хулоса ва натиҷаҳои кори илмии муаллиф дар нашрияҳо чоп шудаанд ва мунтазам дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани лексия ва машғулиятҳои амалӣ бо донишҷӯён истифода бурда мешавад (саҳ.14).

Қобили зикр аст, ки дар таҳқиқоти мазкур ба назари мо чунин хулоса ва пешниҳодҳои дар автореферат баёнгардида баҳснок менамояд, ки нисбати онҳо таваҷҷуҳ намудани муаллиф зарур мебошад:

1. Муаллиф дар зербанди якуми навгонӣ ба ҳимоя пешниҳоднамуда, қайд менамояд, ки пул хусусияти овардани фоидаро дорад, пас бояд дар қонунгузорӣ уҳдадорӣ оид ба пардохти фоизҳо барои истифодаи онҳо муқаррар карда шавад. Гузориши мазкур нофаҳмо буда, аз муаллиф хоҳиш карда шавад, ки вобаста ба ин масъала равшанӣ андозад (саҳ. 8).

2. Дар навгонии 8 ба ҳимоя пешниҳоднамуда, муаллиф қайд менамоем, ки меъёри дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ овардашуда, аксаран, ҳамчун қоидаи умумӣ барои муқаррар намудани оқибатҳои ба таъхир андохтани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ татбиқ карда мешавад. Вале ҳудуди амали меъёри мазкур ба ақидаи мо аслан васеътар аст. Он дар мавридҳои муқаррар намудани оқибатҳои «ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр» низ бояд татбиқ гардад. Дар автореферат масъалаи мазкур саҳеҳ нест, аз ин ҷо зарурият ба равшанӣ андохтанро дорад (саҳ. 11).

Бо вуҷуди эродҳои дар боло зикргардида, дар маҷмӯъ мазмун ва моҳияти автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ш.Ҷ. Мансурӣ кори мустақилона, баанҷомрасида ва аз лиҳози назариявӣ асоснокшуда мебошад. Пешниҳоду хулосаҳои баёнгардида арзиши муҳимми

илмию амалӣ доранд. Дар маҷмӯъ автореферати мазкур ба табаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст ва ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

Нишонӣ: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Телефон: +992(37) 224-17-86, Email: info@apa.tj
www:http//apa.tj

Имзои М.Т. Рауповаро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувватзода С.З.